*«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»*
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, профессор Усмонзода А.И.
________________
«__» августи соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи номзадии Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи «Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI» , ки барои дарёфти дараҷаи илмии номмзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқу баррасии ашъори бозмонда аз шоирони ҳамасри устод Рӯдакӣ, ки рӯзгорашон дар айёми ҳукумати Сомониёну Чағониён сипарӣ шудааст, аз ҷумлаи мавзуоти муҳиме ба шумор меравад, ки солҳои охир тамоюли тозае касб намуд. Дар навбати аввал фароҳамоварии намунаҳои ашъори шоирони ин аҳд, ки аз онҳо мероси зиёде боқӣ намондааст, кори шоёне ба шумор меравад, ки дар чанд даҳсолаи ахир дар кишварҳои форсизабон равнақи тоза касб кард ва интишори чанд китоби арзишманд бо номҳои “Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ”, “Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ”, “Ашъори шоирони бедевон” ва амсоли ин далел бар гуфтори фавқ аст. Таҳия ва тасҳеҳи мутуни бозмонда аз ин суханварон омил бар он гардида истодааст, ки масъалаи таҳқиқи вежагиҳои ҳунариву мавзуии ашъорашон низ

ҷараёни тозае касб намояд. Диссертатсияи номзадии Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи «Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI» дар шумори чунин пажӯҳишот қарор дорад, ки ба таҳқиқи ҳаёти адабӣ дар замони хонадони Чағониён ва яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти ин давр Мунҷики Тирмизӣ бахшида шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 фасл, хулоса ва китобнома таркиб ёфтааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамият ва муҳимияи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳо, сарчашмашиносӣ, равишҳои таҳқиқот, нуктаҳои меҳварии барои дифоъ манзуршаванда муқаррар ва мушаххас гардида, дараҷаи омӯзиши ташқиқот хеле муфассал бо фврогирии сарчашмаҳои пажӯҳиши рӯзгору осори шоир, таҳқиқоти куллӣ ва махсус баён шудааast.

Диссертатсияи **Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи «Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI»** ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ҷавобгӯ буда, дар заминаи барномаи корҳои илмӣ- тадқиқотии шуъбаи адабиёти классикии тоҷики Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИ Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Навгонии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал мероси бозмонда аз Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асрҳои X-XI бо чунин густардагӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодаи хеш муқаррар намудааст, ки хонадони Чағониён чун Сомониён дар шумори хонадонҳои ривоҷдиҳандаи фарҳанг ва адабиёти миллӣ қарор дошта, саҳми арзандаи онҳо дар тарбияи суханварони бузурги адабиёти тоҷик чун Дақиқӣ, Мунҷик, Бадеи Балхӣ, Лабибӣ, Фаррухӣ ва дигарон хеле бузург аст. Муҳаққиқ ба хулосае расидааст, ки ҳарчанд аз Мунҷики Тирмизӣ ашъори зиёде

боқӣ намондаанд, вале сурудаҳои бозмондаи ӯ далели равшани маҳорати баланди ҳунарӣ, тасвирофаринӣ ва сувари хаёли вай ба шумор меравand.

Мавзуи таҳқиқот ба пажуҳиши муҳити адабии Чағониён ва вежагиҳои ашъори бозмондаи Мунҷики Тирмизӣ бахшида шуда, ба таъкиди соҳиби диссертатсия бори аввал бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷик паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолият, мероси адабӣ ва мазмуну муҳтавои ашъори яке аз симоҳои машҳури адабиёти нимаи дувуми асри X ва аввали асри XI, саромади навъи адабии ҳаҷв будани Мунҷики Тирмизӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия зиндагиномаи шоир ва мероси боқимондаи ӯ, хусусан маҳорати шоирӣ, андешаҳои ахлоқӣ, иҷтимоию адабии шоир ва корбасти санъатҳои бадеъӣ дар ашъори Мунҷик дар алоқамандӣ бо тамоюлҳои адабии муҳити адабии Чағониён ва эҷодиёти шоирони муосираш баррасӣ шудаанд. То ба имрӯз дар Тоҷикистон ҳаёту фаъолият ва осори шоир дар шакли як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ нашудааст.

Боби аввали диссертатсия “**Муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI**” ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Диссертант баррасии масоили муҳими ин бахши таҳқиқоти хешро аз пажуҳиши вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва ҷуғрофии даврони Чағониён оғоз намуда, бар асоси мутолеоти анҷомдодаи хеш ва иттилои таърихномаҳои куҳан дар айёми нуфузи зиддиятҳои дохилии амирони Сомонӣ ва наздики инқирози ин хонадони бузург зуҳур намудани хонадони маҳаллии дигаре бо номи Чағониёнро ҳодисаи нодир ва мусбат дар қаламрави Сомониён унвон мекунад. Ба таъкиди муаллиф “Ин ҳукумати амирнишин дар ин марҳалаҳои ҳассоси таърихӣ минбаъд барои ҳифзи арзишҳои бунёдии илму адаби форсии тоҷикӣ ва тарбияту ташвиқи адибону донишмандони ин сарзамин саҳме бузург доштааст. Аз ин ҷиҳат, хонадони Чағонӣ дар давраи зиндагии Мунҷик

ва муосирони ӯ, аз ҷумлаи ҳукуматҳои маҳаллии таъсиргузор буда, дар як фосилаи таърихӣ силсилаи асиле ба номи Оли Муҳтоҷ онро раҳбарӣ ва ҳидоят намудааст ки, бешак, нақши он дар ҳифзи арзишҳои ватанию миллӣ муҳим мебошад"(16-17)

Дар идома ҷойгоҳи таърихии ин хонадон дар сарчашмаҳои арабиву форсӣ, мавқеи сиёсии онҳо дар ҳудуди давлати Сомониён, мубориза ву бархурдҳои зиёди замонӣ ва аз ҳамаи онҳо эмин мондани Чағониён ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, муҳити ҷуғрофии ҳудуди фарогири онҳо дар асоси манобеи таърихӣ дақиқ шудааст. Муаллиф мутолеаоти дар ин замина анҷомдодаи хешро натиҷагирӣ намуда, ба хулосае расидааст,ки маҳдудаи ҷуғрофии Чағониён вилояте дар як қисми болооби рудхонаи Ҷайҳун, ки онро Чағонруд ҳам гуфтаанд, ба шумор меравад. Бо такя бар муҳимтарин манбаи ҷуғрофии аҳди Сомонӣ "Ҳудуд-ул-олам" муҳимтарин шаҳру рустоҳои ҳудуди ин қаламравро муқаррар намудааст, ки Тирмиз маркази асосии он мебошад. Масоили марбут ба истиқлоли сиёсии Чағониён дар замони Сомониён,хоса дар аҳди Нуҳ ибни Насри Сомонӣ, бархурдҳои онҳо, хидматҳои Абубакр ва Абуалии Чағонӣ дар таъмини мусталияти низоми давлатдории онон, шӯриши Яҳё бародари амир Наср ва шикасти ӯ ва амсоли ин низ дар идомаи баррасиҳои илмии ин қисмати диссертатсия ҷараён таҳқиқ шудаанд. Фазилатҳои сокинони қаламрави Чағониён, муҳити табиии шаҳрҳои шомили он, ки аксаран онҳоро хурраму ободон хонданд, ки далели равшани ин андеша ба Бодғис омадани Амиру онҷойро ихтиёр намудани вай ва қасидаи "Бӯи Ҷӯи Мулиён"-и Устод Рӯдакӣ мебошд, инчунин фаровонии нону об, русуми хоси ин мардум низ аз доираи пажӯҳишҳои анҷомдодаи диссертант берун намондаанд. Хидматҳои барозандаи амирони чағонӣ дар амри таъмини амну осудагӣ дар ҳудуди хеш, бунёди

ёдгориҳои беназир, ки муаллифони сарчашмаҳои таърихӣ аз онҳо ёд кардаанд, ба далоил ва истинод дақиқ ва мушаххас гардидаанд.

Бахши муҳими масоили меҳварии таҳқиқот дар ин бобро вазъи адабӣ дар аҳди Чағониён ба вуҷуд овардааст. Муҳаққиқ хидмати хонадон Чағониёнро дар рушди адабиёти давр ба саҳми хонадонҳои Оли Бурҳон ё Банӣ Моза дар Бухоро, Оли Хуҷанд ва Оли Соъид дар Исфаҳон, Оли Умрон дар Хуросон ва Низомулмулк дар вазорати Салоҷуқа баробар намуда, ба нақши калидии онҳо дар рушди муҳити фарҳангии замони Сомониён таъкид варзидааст. Ба назари диссертант пайванди ин хонадон дар асри Х ба ҳукумти Наср ибни Аҳмад омил бар он гардид, ки дар ривоҷи илму фарҳанг корҳои бузургеро анҷом дода, аз ин роҳ номи хешро ба таърих сабт намоянд. Чунин кӯшишу талошҳои фарҳангдӯстонаву адабпарваронаи ин хонадон омил бар он шуд, ки шоирони бузурге чун Дақиқию Мунҷик, Бадеъи Балхию Лабибӣ ва Фаррухӣ ба дарбори эшон рӯ оварда, аз марҳамату илтифоти онҳо баҳраманд шаванд. Дар идомаи баҳсҳои қобили мулоҳизаи илмии муҳаққиқи ҷавон роҷеъ ба ҳар як аз ин суханварон ва омилу заминаҳои пайванди онҳо бо хонадони Чағонӣ изҳори назар шудааст. Дар ҷараёни ин таҳқиқ мабоҳисе ҷолиб роҷеъ ба осори суханварони ин давр низ рафтааст, ки мавзуи мансубияти маснавии “Пандомаи Анӯшервон” ба Бадеии Балхӣ ва нақду назарҳои қобили таваҷҷуҳ дар ин бора аз ҷумлаи онҳо мебошад, ки хеле ботафсил ва бо зикри истинод бар ҳар диду мулоҳиҳот сурат гирифтааст.

Боби дувуми диссертатсия “Мунҷики Тирмизӣ ва осори адабии ӯ” ном дошта, маҷмуи баҳсҳои илмии марбут ба ин масъала дар ду фасл баён шулаанд. Диссертант бо такя бар маълумоти тазкираҳо ва дигар манобеи муҳим шарҳи ҳоли Мунҷики Тирмизиро барқарор намуда, муҳимтарин нуктаҳои рӯзгори шоирро шарҳу тафсир кардааст. Ба таъкиди ӯ, ҳарчанд зикри номи шоир дар сарчашмаҳои

зиёде рафтаву пажӯҳишгарони соҳибноме чун Забеҳуллоҳи Сафо, Аҳмад Идорачии Гелонӣ, Маҳмуди Мудаббирӣ, Эҳсон Шаворибии Муқаддам  таҳқиқоте ба анҷом расонидаанд, вале то кунун ҷараёни муфассали зиндагиномаи шоир дар даст нест ва роҷеъ ба рӯзгори вай маълумоти дақиқ хеле кам дар дастрас қарор дорад. Ҳаройина, бо такя бар маълумоти сарчашмаҳои мазкур ва таҳқиқоти дар ихтиёри хеш дошта диссертант муваффақ шудааст, ки ҳолномаи шоирро бо фарогири иттилоъ дар бораи соли таваллуд, ном ва куния, тахаллус, шарҳу тафсири маънои луғавии номи суханвар ва ҷузъиёти дигари зиндагиномаи суханвар шарҳу баён намояд. Бо итминон метавон гуфт, ки ин аввалин кӯшиш дар адабиётшиносии тоҷик дар таҳқиқи муфассали зиндагиномаи адиб ба шумор меравад.

Баробари ин,баҳси қобили таваҷҷуҳ дар ҷараёни баррасии зиндагиномаи шоир шарҳу тафсири вожаи Мунҷик ба унвони тахаллуси шоирии ӯ мебошад. Диссертант бар асоси мутолеа ва таҳқиқоти маълумоти сарчашмаҳо ду шеваи тафсири тахаллуси шоирро муқаррар кардааст, ки яке аз онҳо баргирифта аз унвони рустое дар шарқи Тирмиз хондаанд ва баъзеи дигар он таркибе аз вожаи “мунҷ” донистаанд, ки маънии занбӯри асал доштааст. Мавҷудияти баҳсҳои иштибоҳбарангез дар мавриди аз ҷониби баъзе муҳаққиқон туркӣ шуморидани вожаи Мунҷик низ аз назари муҳаққиқ дур намондааст, ки бо такя бар далоили қавии илмӣ ин андешаи ғалатро рад ва мулоҳизоти мустанади хешро дар ин маврид баён доштааст. Дар баробари ин, нуктаҳои муҳими рӯзгори шоир бар асоси ашъори худи вай таҳқиқ шудааст, ки тозагиҳои пажӯҳишро дар ҷодаи таъйини муҳимтарин лаҳазоти рӯзгори шоир бозгӯӣ мекунад.

Масъалаи сарчашмашиносии ашъори Мунҷиқи Тирмизӣ аз ҷумлаи мабоҳиси хеле муҳиме ба шумор меравад, ки дар ин фасл мавриди таҳқиқи диссертант қарор гирифтаст. Бар асоси таҳқиқоти охирини

анҷомёфта мушаххас гардидааст, ки аз Мунҷики Тирмизӣ ҳамагӣ 436 байт боқӣ монда, ки аз он 20 байт мансуб ба шумор меравад. Дар амри фароҳамоварии ашъори Мунҷиқ саҳми донишмадони эронӣ Эҳсон Шаворибии Муқаддам хеле бузург аст, ки ӯ ашъори шоирро аз тамоми манобеъ, тазкираву таърихномаҳо, баёзу сафина, фарҳангҳо, осори балоғӣ фароҳам оварда , куллияи сарчашмаҳои ашъори шоирро дар 6 даста баррасӣ кардааст. Дар ҷараёни таҳқиқ диссертант ба таври ҷудогона ҳар яке аз ин сарчашмаҳоро баррасӣ ва нақши ононро дар фароҳамоварии ашъори шоир дақиқу мушаххас сохта, ашъори дар ин осор омадаро таҳлилу таҳқиқ кардааст.

Масъалаи вуруди ашъори Мунҷик ба девону маҷмуаи ашъори шоирони дигар,инчунин сабкшиносӣ ва сохтору муҳтавои сурудаҳои шоир низ бахше аз мабоҳиси муҳими ин қисмати диссертатсияро ба вуҷуд овардааст. Дар заминаи таҳқиқоти ба сомонрасонидаи хеш диссертант аз вуруди чанд байти шоир ба Девони Анварӣ ва сабти бидуни унвони муаллифи яке аз абёти ӯ дар “Калила ва Димна” сухан кардааст, ки аҳамияти мабоҳиси муаллифро дар матншиносии ашъори шоир бозгӯӣ мекунанд.

Таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикии ашъори Мунҷикӣ Тирмизӣ дар шумори мабоҳиси муҳими ин қисмати диссертатсия ба шумор меравад, ки он шомили шинохти тасвирҳои шоирона, сабки суханвар, шеваи баён ва амсоли ин мебошад. Дар ин маврид низ муҳаққиқ бештар ба назари донишмандони соҳибноме чун Шафеии Кадканӣ, Эҳсон Шаворибии Муқаддам такя намуда, сувари хаёл, маҳорати тасвирофаринии шоир бар пояи аносири табиат, ташбеҳофаринӣ ва истиорасозиҳои ӯро ба таври махсус таҳқиқ намудаанд, ки маҳорати баланди шоириашро ба таври барҷаста ба намоиш гузоштаанд. Ба таври куллӣ, дар ҷараёни таҳқиқ се вежагии муҳиму хоси ҳунарии ашъори Мунҷиқ дақиқ гардида, дар пайванд ба маҳорати шоирӣ муҳимтарин мавзуоти

ашъори вай тасниф ва таҳқиқ шудааст, ки ҳамагӣ ин мабоҳис ба арзиши илмии диссертатсия қимати бештар афзудаанд.

Боби савуми диссертатсия "Осори бозмондаи Мунҷики Тирмизӣ" ном дошта, аз чаҳор фасл таркиб ёфтааст. Ин бахши диссертатсияро метавон таснифоти жанрии эҷодиёти шоир низ унвон намуд, зеро дар ҳар як фасл як навъи мустаъмали таркиби ашъори бозмонда аз шоир бар риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Шоир нахуст қасоиди Мунҷикро мавриди баррасӣ қарор дода, дар навбати аввал муқаррар сохтааст, ки бо сабаби ҳузури равшани вай дар дарбори Оли Муҳтоҷ ҷойгоҳи қасоиди мадҳӣ дар эҷодиёти шоир маҳсус аст. Ҳатто ин назари хешро муҳаққиқ бо зикри як байт аз як қасидаи шоир, ки дар он ба мадҳ будани асли қасида ишорат мешавад, собит мекунад. Бар асоси таҳқиқоти анҷомёфта диссертант дақиқ намудааст, ки аз Мунҷиқ 12 қасида боқӣ мондааст, ки комилтарини онҳо қасидаи "Ломия" буда, аз 44 байт иборат аст. Муҳтаво, мундариҷа ва вежагиҳои ҳунариву мавзуии ин касоид бо шеваи қобили таваҷҷуҳ таҳқиқ шудаанд.

Ба ин тартиб, дар идома марсияҳои шоир низ, ки асосан дар вазни қасида суруда шудаанд, низ таҳқиқ шудаанд, ки дар сӯги шоирони номдори асри X Шаҳидии Балхӣ ва Муродӣ иншо гардидаанд. Ҳаҷву мутоиботи шоир низ бахши ҷудогонаи пажуҳишро ба вуҷуд овардааст, ки ин ҳам бесабаб нест, зеро ҳаҷвияҳои суханвар қисмати муҳими ашъори вайро ба вуҷуд овардаанд. Бо такя бар мулоҳизоти адабиётшинос Холиқ Мирзозода диссернант низ ба натиҷае расидаанд, ки ҳарчанд ҳаҷвияҳои Мунҷиқ миқдоран кам ҳастанд, онҳо мавқеъ ба мақоми шоирро дар инкишофи ҳаҷв дар адабиёти ин давра бозгӯӣ мекунанд. Абёти парокандаи шоир низ дар асоси таснифоти Эҳсон Шаворабии Муқаддам, ки онҳоро дар се бахш 1) абёти пайваста, 2) абёти парокандаи мураттаб ва 3) абёти пароканда

қисмат намудааст, аз назари ҳунарӣ, фарогирии мавзуоти мухталиф баррасӣ ва таҳқиқ шудаанд.

Дар қисмати Хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ ба даст омада, дар 14 банди назарӣ ва 10 банд тавсияҳои амалӣ баён гардидаанд, ки ҳамагӣ тафсилоти таҳқиқ ва густардагии андешарониву изхори мулоҳизоти диссертантро мушаххас месозанд.

Дар баробари чунин дастовардҳои назаррас рисола аз камбудиҳо низ орӣ нест ва боварии комил дорем, ба эътибор гирифтани онҳо ҳусни илмии корро боз ҳам меафзояд:

1. Ҳарчанд бахши "Дараҷаи омӯзиши мавзуъ"-и муқаддимаи диссертатсия хеле муфассал таҳия шудааст, вале ҳамоно чанд пажӯҳиши дигар дар адабиётшиносии ватанӣ ва хориҷӣ аз назари муаллифи диссертатсия берун мондаанд. Аз ҷумла, мақолаи қомусии узви вобастаи АМИ Тоҷикистон, профессор Низомиддин Зоҳидӣ бо номи "Мунҷики Тирмизӣ", ки дар "Донишномаи Сомониён" соли 2009 ба нашр расидааст, инчунин мақолаи Алии Ранҷбар таҳти унвони "Баҳсе кутоҳ перомуни Чағониён", ки дар китоби маҷмуаи мақолот зери унвони "Густураи таърих ва адабиёт" дар соли 1363 интишор ёфтааст, аз назари муаллифи диссертатсия берун мондаанд. Ба қалами таҳиягари ашъори парокандаи Мунҷик Эҳсон Шаворибии Муқаддам низ як мақолае таҳти унвони "Ашъори навёфта аз Мунҷики Тирмизӣ" тааллуқ дорад, ки дар маҷаллаи "Гузориши мерос" дар соли 1390 ба чоп расидааст ва ин ҳам мавриди назари муаллифи диссертатсия қарор надоштааст.

2. Зимни зикри як қитъа аз Лабибӣ (саҳ.35) ба адабиёти шумораи 5, ки он "Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ" дар таҳияи ***Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов мебошад, ишорат шудааст. Вале ин порчаи шеърӣ дар китоби мазкур дида нашуд. Аз сӯи дигар мисраи аввали қитъаи мазкур ба шакли*** "Корвоне ҳаме аз Рай ба сӯи Дасқара шуд" омада ва шакли дурусти калимаи "Дасқара" дар китобҳои дигаре, ки ин қитъа дар он

ба мушоҳида расид, Даскара мебошад. Дар баробари ин, мисраи охири ин қитъа дар мутуни дигар, аз ҷумла “Луғатнома”-и Деҳхуда зайли вожаи “Қасвар” ба шакли “Ҳар яке з-эшон гуфтӣ, ки яке қасвара шуд” омадааст ва дар ин бора мақолае аз Маҷиди Мансурӣ ва Ҳамиди Ғуломӣ зери номи “Тасҳеҳи як байти Лабибӣ дар “Таърихи Байҳақӣ” низ дар фаслномаи “Сабкшиносии назму насри форсӣ” ба чоп расидааст, ки истифода аз он дар тасҳеҳи дурусти матн мувофиқи мақсад аст.

*3.* Дар боби аввали диссертатсия роҷеъ ба маснавии мансуб ба “Бадеъи Балхӣ” баҳси муфассале ороста, аз ҷумла масъалаи нисбат доштан ё надоштани онро ин ба ин шоир ба риштаи таҳқиқ кашидааст. (Саҳ. 35-41). Маълум аст, ки ин маснавӣ соли 2008 аз руи таҳияи матн ва муаллифи дебочаву тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод, Душанбе дар нашриёти «Маориф ва фарҳанг» ба чоп расидааст. Дар муқаддимаи ин нашр низ андешаҳои қобили мулоҳизаи донишманди тоҷик дар бораи муаллифи он баён шудаанд, ки агар муаллифи диссертатсия аз он истифода менммуд, мувофиқи мақсад буд.

4. Ба назари мо хуб мебуд, ки боби савуми диссертатсия “Таснифоти жанрии ашъори бозмонда аз Мунҷики Тирмизӣ” унвон гузошта шавад, зеро ба назар мерасад, ки бо шакли мазкур дар рисола шабоҳате ба унвони боби дувум ошкор аст.

5. Дар рисола баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ, аз ҷумла дар намунаҳои шеърӣ (Саҳ. 26, 28, 47, 49, ва ғ.) ва гоҳо услубӣ (саҳ. 34,35 ва ғ. ) ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба навъи кори муаллиф аст.

Албатта, эродҳо мазкур ба сифати рисола таъсир намерасонанд вва арзиши илмии онро коҳиш нахоҳанд дод.

Ба таври куллӣ, метавон изҳор дошт, ки мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидаанд, комилан мувофиқат, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои

таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 12 адад ҳастанд, пурра инъикос мекунанд.

Кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” **диссертатсияи номзадии Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи «Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI» , барои дарёфти дараҷаи илмии номмзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст, кори анҷомёфта ба шумор оварда, онро** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мешуморад. Диссертатсия мутобиқ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф ёфта, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик** мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” аз 25 –уми августи соли 2023, суратҷаласаи № 1 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷик
МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров” Абдуфаттоҳ Ҳоҷиев

Эксперт:
доктори илми филология, профессори
кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров” Нуров Нуралӣ Норович

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров” Азизов Сорбон

Имзоҳои н.и.ф., Ҳоҷиев А.Қ., д.и.ф. Нуров Н.Н. ва н.и.ф. Азизов С.С.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров” Наврӯзов Эҳсон

«29»-уми августи соли 2023

Суроғаи муассисаи пешбар:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;
e-mail: rector@hgu.tj Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj